**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

**Ректори Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор**

**________________ Файзулло М. Қ.**

**«22» апрел __________2024 с.**

# ТАҚРИЗИ

**Муассисаи пешбар ба рисолаи диссертатсионии Аҳмадзода Муҳаммадалӣ Сайхуҷа дар мавзуи «Тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ**

## Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.

Таҳқиқоти диссертатсионии Аҳмадзода Муҳаммадалӣ Сайхуҷа кори илмии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, аз тарафи муаллиф мустақилона омода карда шуда мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 01 апрели соли 2022, № 95 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳамияти он.**

Таъмин намудани ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, аз ҷумла, ҳуқуқ ба ҳаёт на танҳо аз мустаҳкам шудани ҳифзи онҳо дар КҶ ҶТ, балки аз

фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вобастагии калон дорад. Вобаста ба ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз 26 декабри соли 2018 таъкид намудаанд, ки: «Пешрафти босуботи давлат ва ҷомеа, пеш аз ҳама, ба таъмини амният, волоияти қонун, таҳкими тартиботи ҷамъиятӣ ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд асос меёбад. Таъмин намудани тартиботи ҳуқуқӣ, амнияти давлат, суботу оромии ҷомеа, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин, мубориза бо ҷинояткорӣ вазифаи бевоситаи хизматӣ ва қарзи виҷдонии ҳар як корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҳисоб меравад» . Дар ҶТ ҷиҳати пешгирии ҷинояткорӣ, аз ҷумла, ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт чораҳои назаррас андешида шуда истодаанд. Қабул гардидани Консепсияи сиёсати ҳуқуқии ҶТ , таҳияи Лоиҳаи нави КҶ ҶТ аз ин шаҳодат медиҳад. Вале мувофиқи маълумотҳои оморӣ сатҳи ҷинояткорӣ дар ҶТ ҳоло ҳам рӯ ба афзоиш дорад. Чунончӣ, агар дар соли 2020 дар ҶТ 23460 ҳазор ҷиноят ба қайд гирифта шуда бошад, пас соли 2021 ин шумора қариб ҳазорто зиёд шуда ба 24118 ҳазор расидааст .

Маврид ба тазаккур аст, ки диссертант дар ҳалли як зумра масъалаҳои илмие, ки марбут ба тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон мушкилотҳои илмиеро коркард намудааст, ки ҳалли онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва такмили қонунгузории кишвар метавонанд саҳми назаррас гузоранд:

1.Дар таҳқиқоти мазкур нақши калидиро тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ мебозад, ки аз назарияҳои олимони соҳаҳои мухталифи ҳуқуқӣ иборат аст. Мувофиқи ақидаи пешниҳоднамудаи муаллиф, яке аз усули маъмули пурсиш дар илми криминалистӣ ин гузаронидани он дар ҷойи ҳодиса мебошад. Муфаттишон бештар ин тавсияро барои эҳёи робитаҳои ассотсиативӣ дар фаъол кардани

хотираи тасвирӣ, одатан дар сурати ба «саҳви аз рӯйи виҷдон»-и шахси пурсишшаванда истифода мебурданд. Ба кор бурдани амали санҷиши нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса аз сабаби сервазифагии ин амали тафтишӣ ҳамеша як қатор душвориҳоро ба миён меорад. Санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса ин амали махсуси тафтишӣ мебошад, ки ба амалҳои азназаргузаронии ҷойи ҳодиса, пурсиш, эксперемент кардан айнияти зиёде дорад. Аммо хусусияти хоси амали тафтишотии баррасишаванда ин такрор намудани амалҳои тафтишӣ мебошад, ки он ба муқаррар намудани эътимоднокии маълумоти қаблан гирифташуда нигаронида шудааст. Бо мақсади татбиқи самаранокии амалии қонунгузорӣ дар моддаи 207-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳият ва аҳаммияти санҷиши нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса ба таври возеҳ баён гардидааст (саҳ.34).

Дар натиҷаи адабиётҳои ҳуқуқии диссертант ба хулоса меояд, ки марҳилаи ибтидоии ташаккули санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса, ки чаҳорчӯби дохилие, ки сохтор ва хусусияти ин амали тафтиширо муайян мекунад, худ аз худ ба вуҷуд наомадааст, барои муайян кардани даъвоҳои воқеии дар маҳал санҷидани нишондодҳо ҳангоми гирифтани маълумоти далелӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ коркард карда шудааст.

2. Диссертант дуруст зикр мекунад, ки ҳангоми баррасии мақсади санҷидани нишондод дар ҷойи ҳодиса қайд кардан ба маврид аст, ки дар моддаи 207-и Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ моҳияти он нопурра нишон дода шудааст, яъне: «Нишондоди гумонбаршуда, айбдоршаванда, ҷабрдида ва шоҳид мумкин аст дар ҷое, ки ба ҳодисаи тафтишшаванда вобаста аст, барои муқаррар намудани маълумоти нави воқеӣ, нишон додани хатти сайр ва ҷойҳое, ки амали тафтишшаванда содир карда шудааст, ҳамчунин барои муайян намудани эътимоднокии онҳо бо роҳи муқоиса бо вазъи ҳодиса тафтиш ё аниқ карда шаванд». Дар ин санади муҳим гуфта мешавад, ки мақсади санҷиши нишондодҳо муқаррар намудани ҳолатҳои наве мебошад, ки барои парвандаи ҷиноятӣ аҳаммияти муҳим доранд. Аз зикри ин нуктаи

муҳим бармеояд, ки ин амали тафтишӣ набояд барои «таъсири» нишондодҳо бо роҳи аз ҷониби шахси қаблан пурсишшуда дар ҷойи марбут ба ҳодисаи таҳқиқшаванда, дар ҳузури холисон ва дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ барои такрор кардани онҳо истифода шавад (саҳ.40).

3.Бо мақсади муайян намудани тарзҳои тактикии санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ илми криминалистика ва амалияи тафтишӣ-муфаттишӣ як қатор усулҳои корбурди тафтиши нишондодҳо дар ҷойи ҳодисаро роҳандозӣ кардаанд, ки тавассути онҳо тафтиши ҷиноят самаранок ва бо натиҷаҳои эътимодбахш гузаронида мешаванд. Дар асоси таҳияи усули самарабахши санҷиши (ва муайян кардани) нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса вобаста ба ҷинояти одамкушӣ ба чунин таҳқиқоти олимон такя намудан ба манфиати кор мебошад.

Вобаста ба ҳолати ҳодиса усули санҷиш ва муайян кардани нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса вобаста ба ҷинояти одамкушӣ дорои як қатор хусусиятҳо буда, он бештар ба вазифаҳои муфаттиш дар иҷрои амали мушаххаси тафтишӣ, инчунин аз кирдорҳои шахсони нишондодҳояшон санҷидашаванда, мавқеи мурофиавии ӯ, ба хусусиятҳои хоси ҷойи санҷиш, муайян кардани нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса ва як қатор масъалаҳои дигар вобастагӣ дорад. Дар ин навъи амали санҷишӣ нишондоди якчанд шахс нисбати як ҳолат низ муҳим арзёбӣ мегардад.

Моҳияти «ҳар як усули амали санҷишӣ дар он ифода меёбад, ки он хусусияти тавсияи илмиро доро буда, дар асоси баҳодиҳии вазъият, сабабҳои он, вобаста ба хусусиятҳои равонии одамон ҳангоми корбарӣ бо онҳо дар амали тафтишӣ муфаттиш усули самарабахшро дар санҷиши парванда интихоб менамояд. Ҳамзамон, ҳар як амали тафтишӣ маҷмуи муайяни усулҳои ба ин амали мушаххаси тафтишӣ хосро, ки дар истифодаи ин усул ба кор бурда мешаванд, фаро мегирад (масалан, усули нақли озод ҳангоми пурсиш) (саҳ.66-67).

4.Тарафи дигари мусбии рисола дар он аст, ки ба ақидаи муаллиф Санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса на танҳо фарогири усулҳоест, ки дар асоси амалияи пешрафти илму техника ба миён омада, онҳо ба самарабахшии далелҳои эътимодбахш ба ҳодиса нигаронида шудаанд, балки он пеш аз ҳама, ба ҷанбаҳои равонӣ такя менамояд, зеро ки моҳияти амали тафтишӣ танҳо ифодагари ҳолати такрори ин амал набуда, дар ин самт қонуниятҳои равонӣ: дарк намудан ва ба хотир овардани ҷинояти бавуқуъомада низ амал менамоянд. Дар баробари ин, такрори санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса ба аз нав эҳё гардидани алоқамандиҳо дар ҳодиса, фаъол шудани тасаввурот дар хотира мусоидат намуда, кирдори худро аз нав такрор намудани шахс барои ба ёд овардани ҷузъиёти ҳодиса замина фароҳам меорад. Аз нуқтаи назари равоншиносӣ санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса вобаста ба ҷинояти одамкушӣ бо дарки иттилоот на танҳо дар шакли рамз – калима , балки аллакай ба сатҳи сифатан баландтар мегузарад: дарки иттилоот дар сатҳи мушаххас, ки онҳо ба муфаттиш барои ҳамаҷониба дарк намудан ва тасаввур кардани ҳолати баамаломада замина ба миён меоранд . Бояд қайд намуд, ки ҳангоми дар ҷойи ҳодиса санҷиш кардани нишондод дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ муносибати инфиродиро барои ҳалли масъалаҳои хусусияти тактикию равонидошта ба роҳ мондан зарур мебошад. Ин раванд аз он омилҳо сарчашма мегирад, ки бар зиммаи муфаттиш на танҳо вазифаҳои тафтишӣ вогузор мешавад, балки ӯ вазифадор аст, ки хусусиятҳои инфиродии шахсеро, ки нишондодаш тафтиш карда мешавад, зери назорат қарор диҳад (саҳ.90-91).

5. Муаллиф иброз менамояд, ки ҳангоми санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса вобаста ба ҷинояти одамкушӣ дар бештари мавридҳо ҳамчун тарзи оддӣ ва дастраси қайду сабт – аксбардорӣ истифода мешавад. Аксҳо ба туфайли аёнияти худ имкон медиҳанд, ки дар хусуси вазъияти ҷойи ҳодиса, ҷойгиршавии он нисбат ба нуқтаҳои муайян, дар бораи андозаҳо, шакл ва мавқеи байниҳамдигарии ашёҳо, қитъаҳои маҳал, сохтмон ва ғ. фаҳмишу

тасавурот пайдо карда шавад. Аксбардорие, ки дар ҷараёни амали тафтишӣ анҷом дода мешавад, бояд рафти он, натиҷаҳо ва маълумотҳои дахлдорро дар хусуси объектҳои тасвирёфта инъикос намояд. Барои ноил гардидан ба ин мақсадҳо, ҳангоми баамалбарории амали тафтишии баррасишаванда аксбардорӣ бояд тибқи қоидаҳои аксбардории судӣ, бо назардошти хусусиятҳои хоси санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса ва объектҳои таҳти қайду сабт қарордошта, анҷом дода шавад (саҳ. 125).

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аввалин таҳқиқоти комплексӣ оид ба масъалаи тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Нуктаҳои илмии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо инъикос менамоянд.

Бо мақсади исботи гуфтаҳои қаблӣ метавон ба чанде аз натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ишора намуд, ки дар асоси он довталаб арзандаи дараҷаи илмии дархостшаванда мебошад:

Дар боби якуми диссертатсия «Мафҳум ва хусусиятҳои тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ» масъалаҳои инкишоф ва ташаккули институти санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса ҳамчун амали мустақили тафтишӣ, мақсад ва вазифаҳои санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса вобаста ба парвандаҳои ҷинояти одамкушӣ таҳқиқ мешаванд.

Дар доираи зербоби якуми боби якум «Инкишоф ва ташаккули институти санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса ҳамчун амали мустақили тафтишӣ» муаллиф зикр мекунад, баъди қабул шудани асосҳои мурофиаи ҷиноятии Иттиҳоди Шуравӣ ва республикаҳои он ҳангоми таҳияи кодексҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ, инчунин дар асарҳои баъзе криминалистон масъалаи зарурати ба кодексҳо дохил кардани моддаҳо оид ба санҷиши нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса пешниҳод гардид. Воқеан,

марҳилаи ибтидоии ташаккули санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса, ки чаҳорчӯбаи дохилие, ки сохтор ва хусусияти ин амали тафтиширо муайян мекунад, худ аз худ ба вуҷуд наомадааст, барои муайян кардани даъвоҳои воқеии дар ҷойи ҳодиса санҷидани нишондодҳо ҳангоми гирифтани маълумоти далелӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ коркард шудааст (саҳ. 21-42).

Дар зербоби дуюм «Мақсад ва вазифаҳои асосии санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ» муайян карда мешаванд. Диссертант қайд мекунад, ки таснифи вазифаҳои мушаххаси санҷиши нишондодҳоро дар ҷойи ҳодиса вобаста ба ҷинояти одамкушӣ ба таври зайл метавон тасниф намуд: санҷиш ва муайян кардани маълумоти мавҷуда, ки дар нишондод оварда шудааст, яъне муайян кардани ҳолатҳои алоҳидаи ба амали шахси пурсишшаванда ё шахсони дигари ҳодиса мансуб (тафсилоти усули содир кардани ҷиноят, дигар амалҳо (шахси пурсидашаванда, нақши шарикон дар тафтиши ҷиноятҳои гурӯҳӣ), ки берун аз ҷойи ҳодиса ва дар шакли шифоҳӣ ба даст овардани маълумотҳо душвориро пеш меорад; муайян намудани маълумотҳои нави ҳақиқӣ; муайян кардани ҷой, самти ҳаракат ва объектҳои қаблан ба тафтишот номаълум; муайян намудани ҳолати воқеии ҷойи ҳодиса ҳангоми рӯх додани ҷиноят, ошкор намудани далелҳои қаблан ба ҷиноят номаълум ва дигар далелҳои шайъӣ (аз ҷумла, ҷасадҳои пинҳонкардашуда, олоти ҷиноят, молу мулки дуздидашуда ва ғайра) (саҳ. 42-68).

Дар боби дуюм «Хусусиятҳои тактикии санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ» проблемаҳои усулҳои гузаронидани санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса вобаста ба ҷинояти одамкушӣ ва усулҳои равоншиносии истеҳсоли санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса ҳангоми тафтиши ҷинояти одамкушӣ мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтааст.

Зербоби якуми боби дуюм «Усулҳои гузаронидани санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса вобаста ба тафтиши ҷинояти одамкушӣ» пешбинӣ шудааст.

Дар рисола пешбинӣ карда шудааст, ки усули бозгӯии ҳаракати иштирокчиёни санҷиш ва муайян намудани нишондодҳо дар ҷойи ҳодисаи ҷинояти одамкушӣ ҳангоми амалисозии он аз омилҳои гуногун вобастагӣ дорад. Азбаски дар пешбурди ин амали тафтишӣ вобаста ба ҷинояти одамкушӣ шахси асосӣ, яъне муҳим шахсе мебошад, ки нишондоди ӯ санҷида мешавад, тартиби амалкарди ӯ бояд тибқи тартиби муайян сурат гирад: аввал ба ҷойи ҳодисаи одамкушӣ шахсе бурда мешавад, ки нишондоди ӯ санҷида мешавад, баъд аз он шахсони холис, муфаттиш ва баъд ҳамаи иштирокчиёни амали тафтишӣ ба ҷойи ҳодиса меоянд (саҳ. 68-91).

Дар зербоби дуюми боби дуюм проблемаҳои «Усулҳои равоншиносии истеҳсоли санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ» мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор гирифта шудааст. Муаллиф қайд мекунад, ки ҳангоми дар ҷойи ҳодиса санҷиш кардани нишондод дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ муносибати инфиродиро барои ҳалли масъалаҳои хусусияти тактикию равонӣ дошта ба роҳ мондан зарур мебошад. Барқарор намудани робитаи равоншиносиро (психологиро) ҳангоми санҷиши нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса на ҳамчун усули мустақил, балки ҳамчун раванди муҳимме бояд донист, ки он ба баланд бардоштани самаранокии ин амали тафтишӣ мусоидат хоҳад кард. Дар ин мавридбарқарор намудани робитаи психологӣ бо шахсе, ки нишондоди ӯ санҷида мешавад, хусусияти ҳатмӣ дошта, он қисми таркибии усули умумии санҷиши нишондодҳо дар ҷойи ҳодиса мебошад (саҳ. 91-111).

Боби сеюми рисола ба масъалаҳои «Тарзҳои тактикии дарҷ ва зикр кардани натиҷаҳои санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ» бахшида шудааст.

Дар зербоби якуми боби сеюм «Хусусияти хоси дарҷ кардани ҷараён ва натиҷаҳои санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ. Протоколи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса» зикр карда мешавад, ки дарҷ ва зикр намудани далелҳо яке аз унсурҳои ҷараёни

исботкунӣ, ба ҳисоб рафта, натиҷаи он ба раванди тафтиши ҷиноят таъсир мерасонад. Муаллиф зикр мекунад, ки санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса ҳангоми тафтиши ҷинояти одамкушӣ то андозае барои васеъ намудани доираи иттилоот дар бораи ҳодисаҳои баамаломада имконият медиҳад (саҳ. 112-126).

Дар зербоби дуюми боби сеюм проблемаҳои «Истифодаи аксбардорӣ, банаворгирӣ, филмбардорӣ ва сабти овоз дар ҷараёни санҷиши нишондод» мавриди омӯзиш қарор додааст. Ба ақидаи диссертант ҳангоми гузаронидани санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дастгоҳи аксбардорӣ истифода бурда мешавад ва ҳамчун қоида, инҳо акс гирифта мешаванд: масири ҳаракати шахси нишондодаш санҷидашаванда (аз ҷумла, иштирокчиёни ин амали тафтишӣ) ба ҷойи муайян; вазъияти ҷойи баамалбарории санҷиши нишондод; тамоми ҳаракатҳои шахсе, ки нишондодаш санҷида мешавад; ашёҳо ва изҳои ошкоршуда (саҳ. 126-140).

Дар зербоби сеюми боби сеюм масъалаҳои «Баҳодиҳии натиҷаҳои санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса ва истифодаи онҳо дар исботкунӣ аз рӯйи парвандаи ҷинояти одамкушӣ» пешбинӣ карда шудааст. Муаллиф чунин мешуморад, ки самтҳои истифодабарии натиҷаҳои санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар рафти тафтиши минбаъда инҳо буда метавонанд: ба даст овардани делелҳои нав (масалан, муқаррар кардани шоҳидони қаблан маълумнабуда); сохтани амсилаи механизми ҷинояти содиршуда, вазъияти содир шудани он; дар ин асос пешниҳод намудани фарзияҳои нав аз рӯйи парванда ва ташкили санҷиши онҳо; ташаккули асосҳо барои қабули қарорҳои мурофиавӣ аз рӯйи парванда (чунончӣ, маълумоте, ки дар натиҷаи гузаронидани санҷиши нишондоди гумонбаршуда дар ҷойи ҳодиса ба даст омадааст, масалан, ҳамчун яке аз асосҳои нисбати ӯ пешбарӣ шудани айбнома хизмат карда метавонад) (саҳ. 140-155)

Натиҷаҳои мушаххаси илмии зикршуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки онҳо аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ дошта барои пешрафти илмӣ

криминалистика ва мубориза ба муқобили ҷинояти одамкушӣ аз тарафи мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, мусоидат хоҳанд кард.

**Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ**, аз он ҷумла нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешкаш шудаанд, заминаи кофӣ ва боэътимоди назариявӣ ва методологӣ доранд. Асосҳои назариявии тадқиқоти диссертатсияро корҳои илмӣ-назариявии олимони ватаниву хориҷӣ оид ба ҷанбаҳои гуногуни танзими ҳуқуқии муносибатҳои маданӣ, пажӯҳишҳои соҳавӣ ва назариявӣ-амалии мақомоти давлатӣ, ки ба масъалаи мазкур бахшида шудаанд, ташкил медиҳанд. Зимни таълифи диссертатсия, муаллиф, аз усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмии зерин истифода кардааст: таърихӣ, низомнокӣ, расмӣ-мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва дигар усулҳо.

Ифодаи натиҷаҳои илмӣ дар нашрияҳо ва чорабиниҳои илмӣ Муқаррароти умумии таҳқиқоти диссертатсионӣ, хулоса ва тавсияҳои дар он ҷойдошта дар ҳаҷми зарурӣ нашр шудааст: 6 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 1 мақола дар нашрияҳои дигар бо забонҳои тоҷикӣ нашр шудаанд. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф дар якчанд конференсияҳои ҷумҳуриявӣ, байналмилалии илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дар шакли маърузаҳо иброз шудаанд.

**Чун илм бе баҳс нест, дар рисолаи илмии Аҳмадзода М.С., баъзе эродҳои хусусияти мубоҳисавӣ доштаро дарёфт кардан мумкин аст:**

1. Дар саҳ. 12 дисертатсияи мазкур омадааст, ки «Вазифаҳои санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса вобаста ба ҷинояти одамкушӣ ба намудҳои зерин тасниф мешаванд: санҷиш ва муайян кардани маълумоти мавҷуда, ки дар нишондод оварда шудааст, яъне тафтиши алибии шахси пурсишшаванда ё ошкорсозии худфиребдиҳӣ; муайян намудани ҳолатҳои алоҳида дар амалҳои шахси пурсидашуда, ки ба ҳодиса баробар карда мешаванд, муайян намудани усули содир намудани ҷиноят, дигар ҳаракатҳои шахси пурсидашуда, ҷойи содиршудани ҷиноят; муайян намудани маълумотҳои нави воқеӣ; муайян

кардани ҷой, самти ҳаракат ва объектҳои қаблан ба тафтишот номаълум; дар вуҷуди муфаттиш бедор кардани эътимод ба худ, ҳамчунон объективона ҷамъоварии маълумот ва ҳамбастагии онҳо бо маълумотҳои ҳангоми пурсиш бадастомада ба ҳодисаи ҷиноят».

Тавре муълум аст, вазифаҳои санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса ба вазифаҳои тактикӣ ва мурофиавӣ тақсим карда мешаванд. Аммо аз тарафи диссертант вазифаҳои мушахас карда нашудаанд. Хуб мешуд муаллиф дар вақти ҳимояи ошкоро ба ин масаъла равшани меандохт.

2. Дар мубрамияти рисола омори ҷинояткорӣ оварда нашудааст. Пешбини кардани омори ҷинояткорӣ дар муҳтавои диссертатсия мубрам будани онро инъикос менамояд.

3. Дар боби дуюми рисола «Хусусиятҳои тактикии санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ» (саҳ.68-111) усулҳои гузаронидани санҷиши ношондод дар ҷойи ҳодиса вобаста ба тафтиши ҷинояти одамкушӣ ва усулҳои равоншиносии истеҳсоли санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ таҳқиқ карда шудааст, аммо тарзҳои тактикии санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ гурӯҳбандӣ карда нашудаанд. Хуб мешуд дар раванди ҳимояи ошкоро муаллифи рисола ба ин масала таваҷуҳ мекард.

Эродҳое, ки дар боло зикр шудаавд аз лиҳози илмӣ мубоҳисавӣ буда, ба комил будани рисола таъсири манфӣ намерасонад. Онҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки масъалаҳои баррасикардаи муаллиф мароқангез буда, метавонанд диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намояд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар он аст, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар кор овардашударо дар таҳқиқоти минбаъдаи илмии мушкилот вобаста ба тактикаи амалӣ намудани санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса вобаста ба ҷинояти одамкушӣ метавон истифода бурд. Аҳаммияти амалии таҳқиқот ҳамчунон дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои он

метавонад дар раванди такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти тафтишот барои содир намудани ҷиноят истифода шаванд; дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бахусус мақомоти прокуратура, ки раванди тафтиши ҷинояти одамкуширо ба роҳ мемонад, инчунин, дар ҷараёни таълим дар донишкада ва факултетҳои ҳуқуқшиносӣ ҳангоми омӯзиши илмҳои криминалистика ва ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ, курсҳои махсуси ин соҳа мавриди истифода қарор гирад; дар такмили ихтисоси кормандони соҳа ва хизматчиёни давлатӣ ва бозомӯзии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, омӯзгорон ба таври васеъ истифода бурда шаванд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Рисолаи илмии Аҳмадзода Муҳаммадалӣ Сайхуҷа дар мавзуи «Тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ ки бо Бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

Диссертация ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии назди кафедраи кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, муҳокима шуд. Дар семинар 10 нафар иштирок намуданд: тарафдор 10, зид нест, бетараф нест. Суратмаҷлиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти № 2 аз «16» апрели соли 2024.

**Қисмати хотимавии такриз — хулоса.**

Рисолаи баррасигардида аз лиҳози мубрамият, ном ва накшаи мавзуъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо,хулосаю сарчашмаҳо, пайдарҳам бо услуби илмӣ таҳия гардидааст. Дар он ақидаҳои гуногуни илмӣ, маводҳои корӣ ва таҷрибаи татбиқи ҳуқуқ таҳлил гардида хулосаҳои муҳим ва тавсияҳои муфид ҷиҳати такмили илми ҳуқуқшиносӣ манзур шудааст. Дар маҷмӯъ

рисолаи Аҳмадзода Муҳаммадалӣ Сайхуҷа дар мавзуи «Тактикаи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар мавриди тафтиши ҷинояти одамкушӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ пешниҳод шудааст ба талаботҳои бандҳои 33-35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ доир ба ихтисоси 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошад.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби Ҳамроев Шухратҷон Садирович - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, дар асоси талаботҳои бандҳои 76-79 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, омода карда шуда, он дар ҷаласаи кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон муҳокима ва ҷонибдорӣ кардашудааст. Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 10 нафар, ба тарафдори овоз доданд 10 нафар, муқобил, бетараф нест. Суратмаҷлиси кафедра таҳти № 9 аз «18» аперели соли 2024.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
мудири кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ
ва кримиминалистакаи факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон **Шукурова Н.А.**

**Ташхисгар:** дотсенти кафедраи
муфрофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи
факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи
(Славянии) Россия ва Тоҷикистон,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент **Ҳамроев Ш.С.**

**Котиби семинари васеи илмӣ-назарияви:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи
муфрофиаи ҷиноятӣ ва кримиминалистакаи факултети
ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии)
Россия ва Тоҷикистон **Насков Д.С.**

Имзоҳои Шукурова Н.А., Ҳамроев Ш.С. ва
Насков Д.С.- ро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсари кадрҳои ДСРТ **Раҳимов А. А.**

«18» апрели соли 2024

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. М. Турсунзода 30; тел, факс (+992 37) 221 35 50; 227 53 37; (+992 37) 221 05 70; 227 77 53
rtsu-1996@mail.ru; p.rektora@mail.ru; u2rtsu@rambler.ru; www.rtsu.tj.